***ТДУ 371.015***
***ТКБ 74.00***

# МАВҚЕИ ОФАРИНАНДАГӢ, ЗЕҲНИ ОТИФӢ ВА ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ДАР РУШДИ МУТАХАССИСИ ОЯНДА

***Бобоева Сайёра Бобораҷабовна**, дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров”(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# КРЕАТИВНОСТЬ, ЭМОЦИОНАЛЬНЫЙ ИНТЕЛЛЕКТ И ТОЛЕРАНТНОСТЬ – КЛЮЧЕВЫЕ ФАКТОРЫ ФОРМИРОВАНИЯ БУДУЩЕГО СПЕЦИАЛИСТА

***Бобоева Сайёра Бобораҷабовна**, доцент кафедры социальной и профессионалной психологии ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова»(Таджикистан, Худжанд)*

# CREATIVITY, EMOTIONAL INTELLIGENCE AND TOLERANCE ARE KEY FACTORS FOR FORMING A FUTURE SPECIALIST

***Boboeva Sayora Boboradjabovna,** Associate Professor of the department of social and professional psychology under the SEI «KhSU named after acad. B.Gafurov»(Tajikistan, Khujand),**E-mail:** kpntolerans@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:** тафаккури эҷодӣ, офаринандагӣ, зеҳни отифӣ, хусусиятҳои инфиродӣ, тафаккур, навгонӣ, тафаккури навоварона, тафаккури самаранок, фаъолии эҷодӣ, мақсаднокӣ, таҳаммулпазирӣ, хусусиятҳои инфиродию равонӣ, омили рафтор, ҳамдилӣ*

*Шароити муосир аз хатмкунандаи макотиби олӣ – мутахассиси оянда, касбиятнокии муҳаррик ва қобилияти босуръат иваз карда тавонистани ихтисоси худ, ки бевосита бо фаъолияти фикрии эҷодӣ ва ғайриоддӣ вобаста аст, талаб мекунад. Хатмкунандаи имрӯза бо як қатор проблемаи хусусияти амалӣ дошта, ки аз сабаби нав буданашон, дар раванди таълими донишгоҳӣ ба ҳисоб гирифта нашуда буданд, вомехӯрад. Чунин муаммоҳоро бо такя ба дастовардҳои навтарини илмӣ, тафаккури навоварона ва муносибати ғайриоддиву эҷодӣ ба касби худ, ҳал намудан мумкин аст. Эҷодиёт бошад, имкони амсиласозии ҳама гуна фаъолиятро медиҳад, ки дар навбати худ бо ҷаҳонбинии навоварона ва татбиқи ҳартарафаи муамммоҳои навин алоқаманд аст. Вобаста ба ин дар мутахассисон бояд, дидгоҳи озод, қобилиятҳои офаринандагӣ, дараҷаи инкишофётаи зеҳни отифӣ ташаккул дода шавад. Зимни талаботи навин ба мутахассисон хислатҳои номбурда то андозае пазируфта мешаванд. Дар заминаи баҳогузории кофӣ ва муносибати некхоҳона ба атрофиён, фаъолиятро самаранок гардонидан аз донишҷӯ қобилиятҳои ҳамдилӣ, дараҷаи баланди коммуникатсионӣ, таҳаммулпазириро талаб мекунад, зеро натиҷаи дилхоҳ ва боздеҳ дар фаъолияти мухталиф бештар аз омилҳои номбурда вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ тағйир додани низоми дидгоҳҳо нисбати қобилиятҳои инфиродию равонии мутахассисони оянда, интихоби ҷанбаҳои махсуси шахсие, ки ба рақобатпазирии онҳо мусоидат мекунанд, азнавсозии бунёди илмию амалии таҳқиқи равандҳои маърифатӣ, отифӣ, хусусиятҳои фардӣ, зарурати замон мебошад. Ба дигаргунсозии ин раванд омилҳои гуногун таъсири худро мерасонанд. Пеш аз ҳама сухан дар бораи навсозии ҳаёти ҷомеа меравад, ки аз мақсадҳои миллии стратегияи инкишофи он вобастагӣ дорад.*

***Ключевые слова:** творческий интеллект, креативность, эмоциональный интеллект, познавательная деятельность, эмоциональные реакции, инновационная деятельность, праксические чувства, целеполагание, эмоции, стратегия развития, социальный статус, структура личности, профессиональная успешность эмпатия*

*Статья освещает круг требований современного общества сегодняшним выпускникам – будущим специалистам. Формирование нового типа мышления, творческого подхода, креативного решения различных задач, является злободневной проблемой современности. В обстановке развития качественно иных социально - экономических, политических, идеологических отношений особый смысл обретает научное обоснование и приспособление к ним всех звеньев системы образования, в частности высшего. Современное высшее образование, как в теоретическом, так и в практическом плане обладает огромным опытом развития творческого потенциала как наиболее важного фактора процесса социализации личности, адаптирования студентов к реалиям современного мира. Можно с уверенностью сказать, что, система высшего образования Таджикистана обладает на сегодняшний день значительным потенциалом развития творческого, креативного мышления студентов. С удовлетворением нужно отметить наметившиеся тенденции улучшения качества образования в нашей республике в последние несколько лет.*

*Создаются благоприятные условия для всестороннего развития молодёжи, обучения её согласно последним достижениям науки и техники. Инновационное мышление, открытость нововведениям, творческий подход к деятельности, креативность, эмоциональный интеллект, толерантность – качества, необходимые специалисту для успешности в дальнейшей профессиональной деятельности. Наличие их, обеспечивает его конкурентоспособность на рынке труда. Проблема наращивания интеллектуального и творческого потенциала, повышение конкурентоспособности все настойчивее выдвигается в разряд наиболее актуальных задач современного общества.*

***Key words:*** *creative intelligence, creativity, emotional intelligence, cognitive activity, emotional reactions, innovative activity, praxic feelings, goal-setting, emotions, development strategy, social status, personality structure, professional success, empathy*

*The article highlights the range of requirements of modern society for today's graduates - future specialists. The formation of a new type of thinking, a creative approach, creative solutions to various problems is a topical problem of our time. In the context of the development of qualitatively different socio-economic, political, ideological relations, scientific justification and adaptation to them of all parts of the education system, in particular higher education, acquires special meaning. Modern higher education, both in theoretical and practical terms, has vast experience in developing creative potential as the most important factor in the process of socialization of the individual, adapting students to the realities of the modern world. It can be said with confidence that the system of higher education in Tajikistan today has a significant potential for the development of creative, creative thinking of students. We should note with satisfaction the emerging trends in improving the quality of education in our republic over the past few years. Favorable conditions are being created for the all-round development of young people and their education in accordance with the latest achievements of science and technology. Innovative thinking, openness to innovations, creative approach to activity, creativity, emotional intelligence, tolerance are the qualities that a specialist needs for success in further professional activity. Their presence ensures its competitiveness in the labor market. The problem of building up intellectual and creative potential, increasing competitiveness is increasingly being put forward in the category of the most urgent tasks of modern society.*

Инсони муосир ҳамеша дар фазои муаммоҳо қарор дорад. Ин масъалаҳо дар сатҳу ҷанбаҳои мухталифи ҳаёту фаъолияти вай бо шиддати таъсиррасонии гуногун мушоҳида мешаванд. Дар ин раванд, ҳар як шахс вобаста ба хусусиятҳои ҷараёни фикрӣ, сифатҳои тафаккур, ташаккули зеҳнӣ, дараҷаи донишу маҳорат, истеъдоду тавоноӣ ва боз як қатор вижагиҳои равониро-инфиродии худ роҳҳои гуногуни ҳалли ин масоилро истифода мебарад.

Барои ноил гаштан ба муваффақият дар бартараф намудани муаммоҳои замони муосир шахс бояд соҳиби қобилиятҳои эҷодӣ бошад – танҳо халлоқият ба маънои ниҳоят фарохи ин мафҳум, метавонад комёбӣ, устуворӣ, суботи ӯро таъмин намояд. Ин омил на танҳо ба пешравии одами алоҳида, балки ба пешрафти тамоми ҷомеа, сохторҳои гуногунсоҳаи он, билохира ба ташаккули миллату давлат таллуқ дорад, зеро равандҳои ҷаҳонишавӣ стандартисозии ҳаётро, ки бо ҳамгироии маданиятҳо ва кишварҳои гуногун ба мантиқи ягонаи бозоргонӣ вобаста аст, дар назар доранд.

Бошандаи асри навин – шахси озод, эҷодкор, соҳиби тафаккури чандир, дидгоҳи кушода ба навовариҳои илмиву техникӣ, дараҷаи баланди офаринандагӣ (креативнокӣ), дилёбӣ (коммуникатсионӣ),ҳамдилӣ (эмпатиянокӣ), таҳаммулпазирӣ мебошад, ки шартҳои калидии рақобатпазирӣ ва дархосташавии ӯ дар бозори ҷаҳонии меҳнат маҳсуб меёбанд.

Ҷомеаи имрӯза ба мутахассисоне ниёз дорад, ки дорои тафаккури навоварона, эҷодӣ ва офаринандагӣ бошанд, зеро дар оянда маҳз қобилиятҳои номбурда муваффақияти онҳоро дар фаъолияти гуногунсоҳа таъмин менамоянд. Ин талаботи ҷиддии асри XXI – асри техника ва фановариҳои навин, ҳамзамон талаби ҷамъияти ояндаи дараҷаи баланди салоҳиятнокӣ ва самаранокӣ ба мутахассис мебошад.

Шароити муосир аз хатмкунандаи макотиби олӣ – мутахассиси оянда, касбиятнокии муҳаррик ва қобилияти босуръат иваз карда тавонистани ихтисоси худ, ки бевосита бо фаъолияти фикрии эҷодӣ ва ғайриоддӣ вобаста аст, талаб мекунад. Хатмкунандаи имрӯза бо як қатор мушкилиҳои хусусияти амалӣ дошта, ки аз сабаби нав буданашон, дар раванди таълими донишгоҳӣ ба ҳисоб гирифта нашуда буданд, вомехӯрад. Чунин муаммоҳоро бо такя ба дастовардҳои навтарини илмӣ, тафаккури навоварона ва муносибати ғайриоддиву эҷодӣ ба касби худ, ҳал намудан мумкин аст. Эҷодиёт – имконияти амсиласозии ҳама гуна фаъолиятро

медиҳад, ки дар навбати худ бо ҷаҳонбинии навоварона ва татбиқи ҳаматарафаи муамммоҳои навин алоқаманд аст.

А.Маслоу қайд менамояд: “Азбаски мо дар оламе зиндагӣ мекунем, ки нисбат ба пешина хеле тезтар тағйир меёбад, ҳамон амалҳоеро,ки одамон пештар иҷро мекарданд, карда наметавонем” [3,с. 403].

Ҳамаи ин дар маҷмӯъ дар донишҷӯён мавҷуд будани қобилиятҳои офаринандагӣ, дараҷаи баланди зеҳни отифӣ (эмотсионалӣ) ва таҳаммулгароии ташаккулёфтаро дар назар дорад.

Мафҳуми офаринандагӣ (креативнокӣ) ба истифодаи фаъол дар илми равоншиносӣ ба қарибӣ ворид гардидааст. Дар “Луғати мухтасари истилоҳоти психология ва тавсифи баъзе мафҳумҳо” - и Р.Атахонов он чунин маънидод карда шудааст – қобилияти умумӣ ба эҷодкорӣ, ки шахсро ба таври том тавсиф медиҳад; дар соҳаҳои гуногуни фаъолӣ зоҳир мешавад ва ҳамчун омили нисбатан новобастаи лаёқат муоина карда мешавад. Ба креативнокӣ аз муносибати танқидӣ ба чизи нав аз мавқеи таҷрибаи мавҷудбуда не, балки аз назари ба фикру таклифҳои нав ҳассос мондан баҳо дода мешавад. Ин ҷо маънои истилоҳи “креатив” низ оварда шудааст – одами эҷодкоре, ки ба тарзҳои қолабии ҳалли масъала майл надорад; қобилият дорад, ки аз амалҳои аҷиб ва ғайриқолабӣ истифода барад, кашфиёти нав кунад, маҳсулоти беҳамто ба вуҷуд оварад [2,с.64].

Ҳамзамон истилоҳи зеҳни отифӣ низ шарҳи худро металабад. Аз солҳои 90 асри XX дар илми психология истилоҳи зеҳни отифӣ (“интеллектиэмотсионалӣ”) ба таври расмӣ ҷорӣ гардид, Онро олимони амрикоӣ Питер Саловей ва Ҷон Майер (1993) ворид намуданд. Ба ақидаи онҳо “зеҳни отифӣ” – ин як навъи зеҳни иҷтимоӣ мебошад, ки қобилияти назорат (мониторинг)-ӣ ҳиссиёти худ ва одамони дигарро барои муайян намудани фарқияти онҳо истифода мебарад ва ин маълумотро дар идораи тафаккур ва амалҳои худ татбиқ менамояд [1,с.198]. Мувофиқ ба таҳқиқотҳои Майер ва Саловей, одамони дорои дараҷаи баланди зеҳни эмотсионалӣ қобилияти рушди босуръат дар соҳаҳои муайян, истифодаи самаранoктари қобилиятҳои худро соҳибанд [7, 134]. Дар ин радиф нисбат ба донишҷӯён – мутахассисони оянда низоми нави талаботҳои иҷтимоӣ - равонӣ гузошта шуд, ки асоси онро унсурҳои зерин ташкил медиҳанд:

- ➢ дар шароитҳои доимо тағйирёбанадаи иҷтимоиву иқтисодӣ, маданиву ғоявӣ, илмиву техникӣ ҳаётӯ фаъолият бурда тавонистан;
- ➢ ба олами ҷаҳонишавии муосир ба зудӣ мутобиқшаванда будан;
- ➢ нисбат ба ашё ва ҳодисоти муҳити гирду атроф диди нав ва ғайримаъмулӣ доштан;
- ➢ дар заминаи баҳогузории ба андозаи кофӣ ва муносибати некхоҳона ба атрофиён, фаъолиятро самаранок гардонидан;

Талаботи номбурда дар маҷмӯъ, заминаи қобилияти офаринандагӣ, зеҳни отифӣ ва таҳаммулпазириро ташкил медиҳанд, ки барои роҳандозии ғояҳои офаринандагӣ, дидгоҳҳои навоварона, муносибати мусбат ва самаранок бо атрофиён, мусоидат мекунад (расми 1).



Тафсири расм нишон медиҳад, ки ҳар як талаботи нисбат ба донишҷӯён гузошташаванда бо қобилиятҳо, хусусиятҳои равониву-инфиродии онҳо вобастагӣ дорад. Чунончӣ агар аз донишҷӯ дар шароитҳои доимо тағйирёбанадаи иҷтимоиву иқтисодӣ, маданиву ғоявӣ, илмиву техникӣ, ҳаёту фаъолият бурда тавонистан талаб карад шавад, пас ӯ бояд соҳиби тафаккури чандиру моҳир, қобилияти эҷодӣ ва эҷодкорӣ, ваҷҳи азхудкунии навовариҳои гуногун дар илму техника, иқтисодиёту иҷтимоиёт, дарк ва қабули мусбати дигаргуниҳое, ки дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа мунтазам ба амал меоянд, зиндадилӣ, некхоҳӣ бошад.

Талаби ба олами ҷаҳонишавии муосир ба зудӣ мутобиқшаванда будан бо қобилияти баланди мутобиқшавӣ ба ҳақиқати айнӣ, зеҳни отифии ташаккулёфта, сатҳи баланди рефлексияи иҷтимоӣ алоқаманд аст. Ин талабот ба яке аз вазифаҳои муҳимтарини зеҳн – мутобиқгардонии одам ба муҳити гирду атроф, такя мекунад. Ҳамзамон дараҷаи баланди зеҳни отифӣ имконият медиҳад, ки муаммоҳои мураккаби ҳаётӣ ба таври мусбат қабул ва ҳал карда шаванд.

Талаботи нисбат ба ашё ва ҳодисоти муҳити гарду атроф дидгоҳи нав ва ғайримаъмул доштан бо дидгоҳи кушод ба навовариҳо, офаринандагӣ, фикррониии бемисл, ғайриоддӣ, нотакрор вобастагӣ дорад, зеро хусусияти муҳимтарини офаринандагӣ, омили ҳалкунандаи зоҳиршавии он – нуқтаи назари фарккунанда ва ғайри маъмул ба ашё ва ҳодисоти муҳит маҳсуб меёбад.Дар заминаи арзёбии кофӣ ва муносибати некхоҳона ба атрофиён, фаъолиятро самаранок гардонидан, аз донишҷӯ қобилиятҳои ҳамдилӣ, дараҷаи баланди дилёбӣ, таҳаммулпазириро талаб мекунад, зеро натиҷаи дилхоҳ ва боздеҳ дар фаъолияти мухталиф бештар аз омилҳои номбурда вобастагӣ дорад.

Хусусиятҳои нодиру инфиродии шахс маҳз дар муҳити иҷтимоӣ ташаккул меёбанд, маҳз ҷомеа бо низоми меъёру арзишҳо, бо талаботи ба фард гузоштааш, симои ҷамъиятии вай, мавқеи ӯро муайян мекунад. Ҳамзамон ҷомеаи муайян бо хусусиятҳои хоси таърихӣ-маданӣ, маҷрои фаъолияти касбии худ, боиси ташаккули фардият ва нотакрории шахс, аз ҷумла қобилиятҳои эҷодии вай – андешаронии пешқадам, фикррониии бемисл, ҷустуҷӯи роҳҳои ғайриоддии ҳалли муаммоҳо, муошироти босамар, ҳамдилӣ, мавқеи озод ва кушода ба ҳама гуна навоварӣ мегардад. Дар ин радиф талаботи ҷомеа бо талаботи шахс ба ваҷҳи ягонаи эҷодкорӣ, созандагароӣ, офаринандагӣ, муносибати мусбат, таҳаммулпазирӣ пайваст мешавад.

Бо вуҷуди пешравии куллии ҷомеа, тараққиёти бемисли илму техника дар замони муосир ва дар робита ба ин дигаргуншавии ҳадафҳои инкишофу ташаккули ҳамаҷонибаи шахсият, арзишҳои умумибашарӣ боқӣ мемонанд ва бунёди низоми омодасозии мутахассисони ояндаро дар тамоми ҷаҳон ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ тағйир додани низоми дидгоҳҳо нисбат ба қобилиятҳои инфиродию равонии мутахассисони оянда, интихоби ҷанбаҳои махсуси шахсие, ки ба рақобатпазирии онҳо мусоидат мекунанд, азнавсозии бунёди илмию амалии таҳқиқи равандҳои маърифатӣ, отифӣ, хусусиятҳои фардӣ, зарурати замон мебошад. Ба дигаргунсозии ин раванд омилҳои гуногун таъсири худро мерасонанд. Пеш аз ҳама – навсозии ҳаёти ҷомеа, ки аз мақсадҳои миллии стратегияи инкишофи он вобастагӣ доранд, ташаккули пай дар пайи шароитҳои иҷтимоии ҷамъиятӣ, ки дастрасии фановари навинро барои ҷавонон дар назар доранд, таъмини фаъолияти навоварона барои мутахассисони оянда, ки пешравии соҳаҳои мухталифи иқтисодиётро муайян мекунанд, дастгирии ҳамаҷонибаи мутахассисони ҷавони лаёқатманд ва монанди инҳо. Ин ҳадафҳо аз талаботи ҷомеа дар давраи муайяни инкишофи он вобастаанд ва як навъ "фармоиши иҷтимоӣ" маҳсуб ёфта, ҳам мутахассис, ҳам шахси алоҳидаро водор мекунанд, ки ба меъёр ва талабҳои ҷамъияти оянда мувофиқат намоянд.

Дар ин радиф, бояд қайд намоем, ки сиёсати давлатии инкишоф ва дастгирии ҷавонони боистеъдод дар маҷрои сиёсати рушди ҳамаҷонибаи захираҳои инсонӣ, коркард ва роҳандозии тадбирҳо оиди дастгирӣ ва ҳавасмандкунии шаҳрвандони болаёқати ҷавон дар соҳаи маориф, илм, техника ва маданият ба амал оварда мешавад. [9].

Ҳукумати кишвар баҳри татбиқи амалии имкониятҳои эҷодии ҷавонон дар ташкил ва гузаронидани озмунҳо, олимпиадаҳо, фестивалҳои гуногунсоҳа, аз ҷумла фаъолияти касбиву соҳибкорӣ саҳми арзанларо мегузорад. Татбиқи консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлол гардидани кишвари мо дар зери диққати махсуси Ҳукумат қарор дорад. Ҳукумат бо дарки моҳияти махсуси ҷамъиятии шахси лаёқатманд, фароҳам овардани шароитҳои мусоидро баҳри ошкор намудан, ташаккул додани қобилиятҳои вай зарур мешуморад. Бо мақсади нигоҳдорӣ ва инкишофи захираҳои зеҳнии, ба вуҷуд овардани шарту шароитҳои худтатбиқкунии эҷодии ҷавонон, коркарди маҷмӯаи тадбирҳо дар назар дошта шудааст:

- ҳавасмандкунии модии муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, фондҳои хайриявӣ, шаҳрвандони алоҳидае, ки ҷавонони боистеъдодро дастгирӣ менамоянд;
- муайян намудани мукофотҳо, идрорпулӣ, кӯмакпулиҳо барои ҷавонони болаёқат;
- дастгирии давлатии фаъолияти эҷодӣ ва инноватсионии ҷавонон.

Бешубҳа, далелҳои дар боло овардашуда ташаккули захираҳои эҷодии ҷавононро қувват мебахшанд, ба ҷустуҷӯи роҳҳои навоварона, бемисл, офаринандагии муаммоҳои пешомада водор месозанд.Барои суръатбахшии дигаргунсозиҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, аз хатмкунандагони имрӯзаи макотиби олӣ, мутахассисони оянда, пеш аз ҳама потенсиали эҷодӣ, тафаккури навоварона, офаринандагӣ, дараҷаи баланди зеҳни отифӣ ва дидгоҳи ботаҳаммул талаб карда мешавад. Хатмкунандае,ки дорои чунин сифатҳо мебошад, навгониҳоро ба осонӣ аз худ мекунад, рақобатпазир аст, ба ҳайси мутахассис бештар дархост карда мешавад.Аз ин лиҳоз – офаринандагӣ, зеҳни отифӣ ва таҳаммулпазирӣ, ки унсурҳои таркибии потенсиали шахсии донишҷӯро ташкил медиҳанд ва ҳамчун маҷмӯи қобилиятҳои калидии мутахассиси оянда баромад мекунанд, дар низоми омодасозии онҳо бояд ба сифати стратегияи асосии рушд қабул гарданд [8].

Чи хеле ки Б.С.Гершунский қайд мекунад, тамаддуни нав дар назди инсон масъалаҳои ғайримаъмул ва нисбатан мураккабро мегузорад. Онҳо аз чорчӯбаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ мебароянд. Ҳамин тавр, баробари то андозае қаноатманд намудани талаботи моддӣ, ба мадди аввал низоми қаноатманд гардонидани талаботи равонӣ мебарояд. Дар ин маврид одам бо муаммои интихоби афзун бар мехӯрад. Ӯ маҷбур мешавад, ки бо фармони аз боло омада амал накарда, балки масъулиятро ба зиммаи худ гирад, барои интихоби кардааш ҷавобгӯ бошад [4,с.458].Интихоби сершумор ба шахс имкони интихоби озодро медиҳад, ки шарти муҳимтарини эҷодиёту навоварӣ мебошад. Дар чунин вазъият барои эҷодкории ӯ монеа вуҷуд надорад, вай ғояҳои навро озодона пешниҳод менамояд, зеро моҳияти ғояи пешқадам, ғайримаъмул, нотакрор – худ як навъ вайрон кардани меъёрҳои устуворшуда, қабулшуда, одатшуда мебошад. Танҳо дар ҳолати “шикастан”, “вайрон кардан”-и тарзи пештара, услуби кӯҳнаи кору фаъолият, навигарӣ, инноватсия ба он ворид мегардад. Аз ҳамин сабаб кулли навовариҳо дар ҷомеа се зинаи воридшавиро дар бар мегиранд:

- инкор намудан, қабул накардан;
- одат кардан;
- қабули навоварӣ.

Ин низом ба шахсияти навовар низ таъсири худро мерасонад. Аксаран нисбати ашхоси эҷодкор дар ҷомеа муносибати “сард”-ро мушоҳида менамоем, зеро тарзу усули маъмулу одатшуда ба мо бештар қулай аст ва тағйир додани он малол меояд. Маҳз чунин муносибат ба пешравии инсони алоҳида ва дар умум ба ташаккули ҷомеа монеаи ҷиддӣ барпо мекунад. Маъмулан – калиди инкишофи устувору бемайлони ҳар як ҷамъият дар эҷодиёти мунтазаму доимо пешрав аст. Андешаҳои дар боло гуфташуда на танҳо ба муаммоҳои умумибашарию глобалии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, технологӣ, балки ба проблемаҳои инкишофи миллӣ, минтақавӣ низ дахл доранд. Агар солҳои пешин таваҷҷӯҳи асосӣ ба тараққиёт ва такмили пешарвии техникӣ, ворид намудани фановариҳои навин, мукаммалгардонии сохторҳои ташкилотҳо дода мешуд, дар замони муосир тамоюли диққат ба омили инсонӣ мушоҳида мешавад. Муаммо дар он аст, ки дар шароити рақобати шадид барои истеъмолкунанда ва бозори фурӯш, бо мавҷуд будани таъминоти баробари техникӣ ва технологӣ, муваффақият аз они касе мешавад, ки захираи инсониро беҳтар истифода барад.

Мафҳумҳои “захираи инсонӣ”, “омили инсонӣ”, “иқтидори инсонӣ” бештар макулаҳои иқтисодӣ мебошанд ва бо дарки мавқеи мутахассисон, меъёри фоидаворӣ, муаммоҳои мутобиқат ва омодасозии онҳо дар бозори меҳнат алоқаманданд. Ҳамзамон, хусусиятҳои раванди фаъолияти инсон, баҳисобгирии қобилиятҳои ӯ дар ҷараёни муваффақ шудан дар ин фаъолият, омилҳои мусоид ва ғайримусоид, ки ба комёб гаштани одам вобастаанд, бештар проблемаҳои илми психология мебошанд, яъне категорияҳои “захираи инсонӣ”, “омили инсонӣ”, “иқтидори инсонӣ” метавонанд аз нуқтаи назари равоншиносӣ низ баррасӣ гарданд. Зери ин мафҳумҳо қобилиятҳои зеҳнӣ, маърифатӣ, эҷодӣ, махсусиятҳои эҳсосу идрок, диққату хотир, хислатҳои фардии хос, хусусиятҳои соҳаи эмотсионалӣ-иродавӣ, дараҷаи муоширату муносибат ба атрофиён ва монанди инҳо дар назар дошта мешаванд.

Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки шарти татбиқи идоракунии ташаккулёбанда, инкишофи бунёди захиравӣ мебошад, механизми тараққиёти он – рефлексия ба шумор меравад, яъне

қобилиятҳои офаринандагӣ, дараҷаи баланди зеҳни отифӣ ва таҳаммулпазирӣ дар маҷмӯъ заминаи комёбии мутахассисро таъмин менамоянд. Дар навбати худ, идоракунии ташаккули захираҳои инсонӣ бо категорияҳои иқтидори зеҳнии шахсӣ, афзалиятнокии сифати омодасозии касбӣ, нигаронидани ӯ ба оянда муайян карда мешавад [5,с.152].

Б.Ф.Ломов шахсро ҳамчун низоми кушода, мақсаднок, муҳаррик, муттасил ва мураккаб тавсиф дода, моҳият ва сохтори сифатҳои касбии ӯро ба се зерсистемаи функсионалии асосӣ ҷудо намудааст: 1. Когнитивӣ – равандҳои маърифатиро дар бар мегирад – идрок, хотир, тафаккур, тасаввурот.2. Танзимӣ – равандҳои эмотисоналӣ-иродавиро дар бар мегирад ва қобилияти худтанзимкунии фаъолият ва худтаҳлилкунии субъектро таъмин менамояд.

3. Коммуникативӣ, ки дар муносибат ва муошират бо одамони дигар татбиқ мегардад [6,с.16]. Таснифоти пешниҳодшударо дар вобастагӣ бо хусусиятҳои инфиродӣ-психологии шахс тавсиф додан мумкин аст, чунончи, зерсистемаи когнитивӣ, бештар заминаи қобилияти креативиро ташкил медиҳад, танзимӣ бо қисматҳои зеҳни отифӣ алоқаманд аст, коммуникативӣ бо хислатҳои таҳаммулгароёнаи шахс робита дорад.Аз ин мебарояд, ки захираи асосии ҷамъияти муосир сармояи инсонӣ бо донишҳо, маҳоратҳо ва сифатҳои шахсӣ мебошад. Бинобар ин таҳқиқи махсусиятҳо, ҷанбаҳои мухталиф, заминаҳои равонию -иҷтимоии қобилияти офаринандагӣ дар робита бо зеҳни отифӣ ва таҳаммулпазирӣ ниҳоят муҳим аст.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Андреева, И. Н. Азбука эмоционального интеллекта/И.Н. Андреева.–СПб.: БХВ-Петербург, 2012. – 288 с.
2. Атохонов Р, Луғати мухтасари истилоҳоти психология ва тавсифи баъзе мафҳумҳо/ Р. Атохонов. Душанбе. ДДОТ. 2017.260с.
3. Батлер–Боудон, Т. 50 великих книг по психологии / Т. Батлер–Боудон; пер. с англ.: В. Д. Соколова. – М.: Эксмо, 2012. – 608 с.
4. Гершунский, Б.С. Философия образования для XXI века (в поисках практико-ориентированных образовательных концепций). - М.: Изд-во «Совершенство», 1998. - 608 с.
5. Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов. КГУ им Н.А.Некрасова, Крестьянский государственный университет им. Кирилла и Мефодия. – М.: СПб, 2001. – 182 с.
6. Ломов, Б.Ф. Методологические и теоретические проблемы психологии //Отвеств. ред. Ю.М.Забродин. – М.: Наука, 1984. – 28 с.
7. Сергиенко, Е.А. Тест Дж. Мэйера, П. Сэловея, Д. Карузо «Эмоциональный интеллект» (MSCEIT v. 2.0): Руководство / Е.А. Сергиенко, И.И. Ветрова. – М.: Изд-во «Институт психологии РАН», 2010. – С. 176.
8. Толерантность. Энциклопедия Кругосвет. Универсальная научно – популярная онлайн – энциклопедия [Электронный ресурс]. Режим доступа:http://www.krugosvet.ru/enc/gumanitarnye_nauki/filosofiya/
9. Электронный ресурс]. Режим доступа: info @ erasmusplus. tj. neo. tadjikistan @gmail. com


## REFERENCES:


1. Andreeva, I.N. ABC of emotional intelligence / I.N. Andreeva. - St. Petersburg: BHV-Petersburg, 2012. - 288 p.
2. Atokhonov R, Lugati mukhtasari istilohoti psychology va tavsifi baze mafhumho., / R. Atokhonov. Dushanbe. DDOT. 2017.260s.
3. Butler-Bowdon, T. 50 great books on psychology / T. Butler-Bowdon; per. from English: V. D. Sokolova. – M.: Eksmo, 2012. – 608 p.
4. Gershunsky, B.S. Philosophy of education for the XXI century (in search of practice-oriented educational concepts). - M.: Publishing House "Perfection", 1998. - 608 p.
5. Research Center for Quality Problems in Specialist Training. KSU named after N.A. Nekrasov, Peasant State University named after N.A. Cyril and Methodius. - M.: SPb, 2001. - 182 p.
6. Lomov, B.F. Methodological and theoretical problems of psychology // Answer. ed. Yu.M.Zabrodin. – M.: Nauka, 1984. – 28 p.
7. Sergienko, E.A. Test J. Mayer, P. Salovey, D. Caruso "Emotional Intelligence" (MSCEIT v. 2.0): Manual / E.A. Sergienko, I.I. Vetrov. - M .: Publishing house "Institute of Psychology of the Russian Academy of Sciences", 2010. - P. 176.
8. Tolerance. Encyclopedia Around the World. Universal scientifically popular online encyclopedia [Electronic resource]. Access mode: http://www.krugosvet.ru/enc/gumanitarnye_nauki/filosofiya/
9. Electronic resource]. Access mode: info @ erasmusplus. tj. neo. tajikistan @gmail. com